"ТАСДИҚ МЕКУНАМ"
**Ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент**
**_______________ Карамалишоев К.Н.**
**"__8__" ____января____ 2024 с.**

# ХУЛОСАИ

**кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Хуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Раззоқзода Тамкин Мурод соли 2007 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намуда, аз соли 2007 то соли 2019 дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва айни ҳол дар Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

**Раззоқзода Тамкин Мурод** дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 11 декабри соли 2023, №4 аз ҷониби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Иброҳимов Солеҳҷон Иброҳимович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

**Аз рӯйи муҳокимаи рисолаи Раззоқзода Тамкин Мурод дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои маркази илми ҳуқуқи маъмирӣ – дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти

маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", бахшида шудааст. Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як навъ зуҳуроти амудии идоракунӣ буда, ҳамчун зернизоми низоми ягонаи ҳокимияти иҷроия амал менамояд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимро иҷро намуда, ба объектҳои идора бештар наздик мебошанд. Бинобар ин, сатҳу сифати фаъолияти онҳо ба самаранокии идораи давлатӣ таъсири бевосита мерасонад.

Чунин сифат ва тарзи амалӣ намудани фаъолият маҳз бо роҳандозии ислоҳоти гуногун, аз он ҷумла ислоҳоти ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлати амалӣ мегардад. Зеро, ки маҳз давлат барои амали намудани самтҳои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам меоварад ва мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз он ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои амалӣ намудани он масъул буда, барои ташкили амалӣ намудани он чораҷӯи менамоянд. Боиси қайд аст, ки масоили ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, танзими давлатии муносиби ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур барои таъсири онҳо ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба иҷроиши Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, қарорҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, палатаҳои он – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати кишвар, қарорҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти иҷроия ва Маҷлиси вакилони халқи воҳиди дахлдор, баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолии маҳал, ки дар воҳиди маъмурӣ-ҳудудии дахлдор ба сифати яке аз ҳадафҳои асосӣ ва вазифаи давлат ва мақомоти он дониста мешавад, муҳим мебошад. Зеро, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба муассир ва ҳадафмандона амалӣ намудани меъёрҳои қонун, татбиқи ҳуқуқи озодӣ ва кафолатҳои манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд алоқамандӣ дониста мешавад.

Мавриди қайд аст, ки омӯзиши масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия барои тавсифи дуруст ва ҳаматарафаи вазъи ҳуқуқии сохторҳои ин сатҳи мақомоти ҳокимияти иҷроия шароит муҳайё намуда, барои илман асоснок кардани сохтори низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва робитаи байни онҳо имконият медиҳад. Бо мақсади муқаррар намудани қонуниятҳои пайдоиш ва рушди сохторҳои он, баррасии аломатҳои муҳимми шабеҳият ва тафовути онҳо, тафовути вазъи ҳуқуқии онҳо, таҳлили хусусияти таъсири ташкилӣ ба объектҳои идора, масоили марбут ба салоҳияти раисони вилоят, шаҳр, ноҳия, ки ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сарварӣ менамояд, баррасии масъалаи дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври алоҳида ва тафриқавӣ мустаҳкам кардани ваколатҳои раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, иҷрокунандаи вазифаи раис дар

ин сатҳ ва вазъи ҳуқуқии онҳо, бартараф намудан ва аз байни бурдани духӯрагӣ дар санадҳои қонунгузорӣ нисбати интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ, муҳайё намудани шароити мусоиди ташкилию ҳуқуқӣ барои интиқоли ваколат байни унсурҳои идораи маҳаллӣ, ки ба густариши раванди ғайримуттамарказгардонии идоракунӣ ҳамчун омили муҳим ба шумор меравад, бешубҳа бо такмили асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳомилони ин сатҳи идораи давлатӣ саривақт шуморида шуда, мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин хотир, мавзуи дар рисола мавриди таҳқиқот қарордода хеле мубрам буда, барои бо омӯзиши амиқтар фаро гирифтани масоили ташкилӣ-ҳуқуқии яке аз зерзинаҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияи-мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия мусоидат хоҳад кард.

Бо назардошти асосҳои дар боло зикршуда, масъалаи баррасишаванда аҳаммиятнок эътироф дониста шуда, таҳлил ва таҳқиқи он мубрамияти махсусро касб хоҳад намуд.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳлил намудани ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ;

– таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ;

– омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани мафҳум ва таснифи сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлил ва омӯзиши вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳафт параграф, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот, номгӯйи сарчашмаҳои истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи тадқиқот, дараҷаи таҳқиқи он ва унсурҳои таркибии тавсифи таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Дар боби якуми диссертатсия, ки “Асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” номида шудааст, ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ, асосҳои ҳуқуқии ташкили сатҳи маҳаллии

ҳокимияти иҷроия баррасӣ мешавад.

Боби дуюми диссертатсия “Низоми мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” номида шуда, дар он мафҳум ва таснифи мақомоти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия, вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, санадҳои ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва самтҳои такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроияро фарогир аст.

Ва албатта, дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои тадқиқоти иҷрошуда баён гардида, тавсияҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ оварда шудаанд.

Дар қисмати хулоса ва пешниҳодҳо, аз он ҷумла дар самти нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ба моҳияти ҳокимияти иҷроия, хусусиятҳои он, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия, давраҳои ташаккули асосҳои ҳуқуқии мақомоти мазкур, таҳлили ретроспективии рушди ин мақомот, таснифоти мақомоти баррасишаванда, гурӯҳбандии ваколатҳои раис, моҳияти санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ диққат дода шуда, пешниҳодҳо роҳандозӣ шудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аҳаммияти муҳимми илмию амалӣ дошта, аз мубрам будани он дарак медиҳад.

Унвонҷӯй қайд менамояд, ки омӯзиш ва таҳқиқи амиқи масъалаи мавриди назар дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида нашудааст. Новобаста аз он, ки омӯзиши падидаҳои алоҳидаи ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ дар кишвар дар ҳоли рушд қарор дорад, вале саҳми олимони ватаниро дар рушди ҳуқуқи маъмурӣ ва падидаҳои алоҳидаи он қайд намудан ба маврид аст. Мувофиқан, таҳқиқи унсурҳои масъала дар асарҳои олимони зерини ватанӣ ба назар мерасанд: Б.Ҳ. Раззоқов, И.С. Иброҳимов, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, З.М. Сотиволдиев, З.М. Ализода, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, И.А. Имомов, З.М. Соибов, Ҷ.Ш. Қодиров, С.А. Раҷабов, С.М. Касымов, К. Мухторов, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқов, Ҷ.М. Зоиров, С.А. Қиёмиддинов, П.Н. Изатуллозода, Д.Ф. Абдуллоева ва дигарон. Аммо, маврид ба зикри хос аст, ки новобаста аз он, ки баъзе паҳлуҳои масоили ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд, вале ба таври васеъ ва бевосита таҳқиқот то имрӯз вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, рисолаи мазкурро метавон аввалин таҳқиқоти илмии бунёдӣ дар самти масоили ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номид, ки бе шубҳа аз муҳиммияти илмию амалӣ доштани он дарак медиҳад.

Унвонҷӯй мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро дар заминаи усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро манзур намудааст, ки дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ, инчунин таҷдиди қонунгузорӣ дар ин самт метавонанд, нақши муҳим дошта бошанд.

Пажӯҳишгар Раззоқзода Т.М. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи масоили ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст. Аз ин рӯ, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои дар рисола пешниҳодгардида метавонанд, дар таҳқиқотҳои илмии соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ истифода карда шаванд.

Унвонҷӯй барои таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зеринро гузоштааст:

– таҳлил намудани ҷойи ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ;

– таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум, моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ;

– омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани мафҳум ва таснифи сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлил ва омӯзиши вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили ташкили сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотии илмӣ вобаста ба "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқот бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифта, таклифҳои илман асоснок ва аҳаммияти муҳимми амалидошта баҳри такмили минбаъдаи қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти мазкур пешниҳод карда шудаанд. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ

мафҳумҳои муаллифии «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия», «идораи маҳаллӣ», «идораи давлатии маҳаллӣ» ва ғ. таҳия гардидаанд, ки онҳо ба ташаккули илми ҳуқуқи андози ватанӣ нигаронида шуда, аҳаммияти муҳим доранд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар рисола зикргардида барои ҳалли мушкилот ва норасоиҳои мавҷуда дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маъмурӣ нигаронида шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки мафҳум ва хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашуда, метавонанд минбаъд дар рушд ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси таъсис, ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмуъ мақомоти ҳокимияти иҷроияро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Дар баробари ин, нуктаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби нафароне, ки дар самти ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ пажӯҳиш мебаранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамзамон, маводи дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашударо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии ташкили фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия метавонанд мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд.

Вобаста ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ муаллиф 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақолаи илмӣ дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонида шудааст.

Аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Раззоқзода Т.М. Оид ба баъзе масъалаҳои салоҳияти раиси вилоят, шаҳр, ноҳия. [Матн] / Раззоқов Б.Ҳ., Раззоқзода Т.М. // Қонунгузорӣ (Законодательство), Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4 (32), Душанбе, октябр-декабр – 2018. С.101-105.

**[2-М]** Раззоқзода Т.М. Классификация местных органов исполнительной власти в Таджикистане. [Текст] / Раззоқзода Т.М. // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2021, №4/2 (54). С. 223-230.

**[3-М]** Раззоқзода Т.М. Система местных органов испонительной власти РТ: организационно-правовой аспект. [Текст] / Иброҳимов С.И., Раззоқзода Т.М. // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2023, №3 (62). С.224-231.

**[4-М]** Раззоқзода Т.М. Моҳият ва таъиноти сатҳи маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар низоми идораи давлатӣ [Матн] / Т.М. Раззоқзода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2023. – №4 /2 (64). – С. 360-368.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М]** Раззоқов Т.М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии тамоси мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллӣ. [Матн] / Раззоқов Б.Ҳ., Раззоқов Т.М. // Маҷаллаи назариявӣ ва сиёсии Ҳаёт ва қонун. №2, декабри 2015. Душанбе. С.43-50.

**[6-М]** Раззоқов Т.М. Некоторые правовые вопросы организации местных органов исполнительной власти в Республики Таджикистан. [Текст] / Раззоков Б.Х., Раззоков Т.М. // Вестник Таджикского государственного Университета коммерции (Научный журнал). 2015.- 4 (13). – Душанбе, С. 124-131.

**[7-М]** Раззоқов Т.М. Правовые вопросы организации местной власти в Республики Таджикистан [Текст] / Раззоков Б.Х., Раззоков Т.М. // Социальная значимость правовых знаний в жизни российского общество: Материалы международной научно-практической конференции профессорско-преподавательской состава, научных сотрудников и аспирантов, посвященной дню юриста - 3 декабря 2016 гг. 2016.-Воронеж.С.108-113.

**[8-М]** Раззокзода Т.М. Правовые вопросы совершенствования модели местного управления в Республики Таджикистан. [Текст] / Т.М.Раззокзода // Юридический институт Томского Государственного Университета. Материалы Всероссийская научно-практическая конференции «Правовые проблемы укрепления Российской государственности», 2019-Томск, С.77-79.

**[9-М]** Раззоқзода Т.М. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ [Матн] / Раззоқзода Т.М. // Донишгоҳи давлатии Данғара. Маҷмӯаи мақолаҳои форуми илмии

умумидонишгоҳии «Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ» бахшида ба хотираи Нурулло Хувайдуллоев-аввалин Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020 - Душанбе. С. 83-86.

**[10-М]** Раззоқзода Т.М. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ [Матн] / Раззоқзода Т.М. // Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ. 2021-Душанбе. С. 317-321.

**[11-М]** Раззоқзода Т.М. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ [Матн] / Раззоқзода Т.М. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Худидоракунии маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳаллӣ он", 24 декабри соли 2021. Душанбе -2021. С. 238-46.

**[12-М]** Раззоқзода Т.М. Моҳияти санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ [Матн] / Раззоқзода Т.М. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳаллӣ он", 28 майи соли 2022. Душанбе -2022. С. 198-205. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**[13-М]** Раззоқзода Т.М. Оид ба масъалаҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани қоидаҳое, ки мақомоти маҳаллии ҳокимият муқаррар менамоянд [Матн] / Раззокзода Т.М. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал", 22 майи соли 2023. Душанбе -2023. С. 170-176. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нуқтаҳои асосии таҳқиқот инчунин дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод карда шудаанд:

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Социальная значимость правовых знаний в жизни российского общество» бо маърӯза дар мавзуи «Правовые вопросы организации местной власти в Республики Таджикистан» (Россия, Воронеж, 2 декабри соли 2016);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Правовые проблемы укрепления Российской государственности" бо маърӯза дар мавзуи «Правовые вопросы совершенствования модели местного управления в Республики Таджикистан (Томск, 31 январ - 2 феврали соли 2019);

– Форуми илмии умумидонишгоҳӣ таҳти унвони «Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ» бахшида ба хотираи Нурулло Хувайдуллоев - аввалин Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маърӯза дар мавзуи «Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ» (Данғара, 19-20 марти соли 2020);

– Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳкими давлатдории миллии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бо маърӯза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои ҳуқуқии интиқоли ваколат дар сатҳи маҳаллӣ» (Душанбе, 21-24 апрели соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Худидоракунии маҳаллӣ дар низоми идоракунии иҷтимоӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳаллӣ он" бо маърӯза дар мавзуи "Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ" (Душанбе, 24 декабри соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳаллӣ он" бо маърӯза дар мавзуи "Моҳияти санадҳои ҳуқуқии идораи маҳаллӣ" ( Душанбе, 28 майи соли 2022);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Ҷавобгарии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳал" бо маърӯза дар мавзуи "Оид ба масъалаҳои ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани қоидаҳое, ки мақомоти маҳаллии ҳокимият муқаррар менамоянд" (Душанбе, 22 майи соли 2023).

Ҳамин тариқ, диссертатсияи унвонҷӯй Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва навгониҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи онро дар илм нишон медиҳанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мувофиқат мекунад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор кард:

1. Диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррарнамуда пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ сазовор мебошад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯй Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Асос: протоколи ҷаласаи кафедра №6 аз 6 январи соли 2024.

**Раисикунанда:** мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.

**Котиби ҷаласа:** Сайдуллоева З.М..

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю. ва Сайдуллоева З.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

« 6 » январи 2024 сол.